# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Мусаллам аст, ки устод Садриддин Айнӣ дар эҳёву пойдорӣ ва шукуфоии забони модарии тоҷикӣ дар садаи сарнавиштсози XX нақши муҳим дорад. Чи тавре диссертант Сатторов Н.А. ишора кардааст: «Воқеан, осори устод С. Айнӣ, хусусан, «Ёддоштҳо»-и ӯ махзани бойи лексикаи забони тоҷикӣ мебошад. Дар ин асари С. Айнӣ талоши омезиши забони адабии классикии тоҷик бо забони омафаҳми халқ ва муваффақияти нависанда дар амалисозии ин масъала ба назар мерасад» (с.18). Ҳамин аст, ки маводи осори С.Айнӣ дар забони тоҷикӣ ҳамчун шавоҳиди забонӣ ба кор меравад. Илова бар ин, донишмандони тоҷик аз Н.Маъсумӣ то Х.Ҳусейнов, Ҳ.Рауфов, С.Ҳалимов, М.Мирзоева, А.Саломов, С.Низомова ва дигарон ба забону услуби осори С.Айнӣ ва чигунагии корбурди калимаҳои иқтибосӣ дар он таваҷҷуҳ намуда, масоили гуногуни забониро дар он дар сатҳи мақолаву монография ба баррасӣ кашидаанд.

Мавзуъ ва мазмуну муҳтавои диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ муқаррар шудаанд, ба таври комил **мувофиқат мекунад**.

**Навгонии илмии таҳқиқи мавриди назар,** пеш аз ҳама, дар он ба мушоҳида мерасад, ки бори аввал нақши воҳидҳои луғавии арабӣ дар калимасозии тоҷикӣ бо пасвандҳои тоҷикӣ, калимасозии исмҳои мураккаби тобеъ бо такя ба калимаҳои иқтибосии арабӣ ва ҷойгоҳи вожаҳои иқтибосии араб дар сохтани феълҳои сохта ва феълҳои

таркибии номӣ дар «Ёддоштҳо» мавриди таҳқиқу таҳлил ва баҳогузорӣ қарор гирифтааст.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳошаванда, ки дар тавсифи умумии таҳқиқ номбар шудаанд, дар диссертатсия ҳаллу фасли худро ёфтаанд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ**, пеш аз ҳама, дар масоили шинохти ҷойгоҳи калимасозии воҳидҳои луғавии арабӣ дар асоси ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ буда, ҳамзамон, дар он ба баҳс кашидани ҷанбаҳои назариявии мушкилоти калимасозӣ ва ба назар мерасад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он ба назар мерасад, ки баррасиҳо ва хулосаю натиҷаҳои илмии ин рисола метавонад дар навиштани корҳои илмӣ ҳамчун адабиѐти назариявӣ дар робита ба калимасозӣ дар забони тоҷикӣ истифода шавад. Илова бар ин, хулосаву натиҷагириҳои ин диссертатсия дастуру роҳнамои хубе барои нафароне мебошад, ки ба тадриси лексикология машғуланд.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст.

Дар **муқаддимаи диссертатсия** (саҳ.4-12) муҳиммияти мавзуъ таъкид гардида, дар мавриди дараҷаи омӯзиш, мақсад, ҳадафҳо, объект, равишҳову навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаб, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва сохтори диссертатсия сухан меравад.

**Боби якуми диссертатсия** «Нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар сохтани ҳиссаҳои номи нутқ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» (саҳ.13-91) ном дошта, аз се фасл иборат мебошад.

Дар фасли аввали ин боб – Матолиби муқаддамотӣ (с.13-19), диссертант такя ба андешаи мутахассисон иқтибосшавии калимаву таъбирҳоро аз як забонро ба як забони дигар раванди табиӣ ва инкишофдиҳандаи забон ба қалам медиҳад. Сипас ба иқтибосшавии калимаҳои арабӣ ба забони арабӣ таваҷҷуҳ намуда, дар он андешаҳои

устод С.Айниро, ки ба истифодаи огоҳонаи вожаҳову таъбирҳо даъват мекунад, таъйид месозад. Аз ҷумла, ба андешаи диссертант, «Таҳлилу баррасии корбурди калимаҳои иқтибосии арабӣ дар «Ёддоштҳо» нишон медиҳад, ки устод С. Айнӣ талош кардааст, то ба таври бояду шояд аз захираҳои луғавӣ ва роҳҳои калимасозии забони тоҷикӣ ба таври васеъ истифода намояд. Масалан, калимаи мураббии арабӣ, ки дар забони тоҷикӣ корбурди густарда дораду аз нигоҳи сохторӣ сифати феълии тарзи фоъилии навъи дувуми феъли арабӣ ва аз нигоҳи маъноӣ ифодагари тарбиягар/тарбиятгар мебошад, дар «Ёддоштҳо» истифода нашудааст ва ба ҷойи он калимаи тарбиягар/тарбиятгар корбурд шудааст» (саҳ.18).

Фасли дувуми боби аввал, ки «Таҳқиқи роҳи морфологии калимасозӣ бо асосҳои арабӣ» (с.20-72) ном гирифтаву аз 15 зерфасл таркиб ёфтааст, аз муҳимтарин ва ҷолибтарин бахшҳои ин диссертатсия ба шумор меравад. Нахуст диссертант ба ҷойгоҳи калимасозӣ дар забон таваҷҷуҳ намуда, сипас ба нақши вандҳо, хусусан пасвандҳо дар ин раванд ишора кардааст. Зерфаслҳои баъдӣ (1.2.1-1.2.15) ҳар яке ба як пасванд бахшида шудааст. Ба ин тартиб, диссертант нақши калимасозии пасвандҳои -гор, -гар, -чӣ, -ӣ/гӣ, -зор, -истон, -вар, -она, -вор, -ак, -гоҳ, -дон, -манд, -нок ва –осо-ро бо иқтибосҳои арабӣ ба баррасӣ кашида, барои таъйиди гуфтор аз ҷилдҳои 3-4-и «Ёддоштҳо» мисол оварда, ҳамзамон, ба таҳлили бархе калимаҳои сохташуда ва дараҷаи корбурди он таваҷҷуҳ кардааст. Масалан, ба таъбири диссертант, «вожаҳои машғулӣ ва илтимосӣ низ имрӯз камистеъмоланд ва ё тамоман истифода намешаванд, дар ҳоле ки шакли содаи онҳо: машғул ва илтимос роиҷу серистеъмоланд» (с.45).

Нуктаи ҷолиб дар ин қисмати диссертатсия он аст, ки диссертант кӯшиш намудааст, ки дар баробари нишон додани сайри таърихӣ ва сермаҳсуливу каммаҳсулии пасванд боз ба омори истифодаи он дар забон ва чанд бор ба кор рафтани онро дар «Ёддоштҳо» нишон диҳад.

Фасли савуми ин боб, ки «Нақши калимаҳои арабӣ дар такмили роҳи синтаксисӣ морфологии калимасозӣ» (с.73-152) ном гирифтааст, аз ду зерфасл: «Исмҳои мураккаби пайваст» ва «Исмҳои мураккаби тобеъ» иборат мебошад. Тибқи таҳлили диссертант, иқтибосоти арабӣ дар сохтори калимаҳои мураккаби пайваст кам ба назар мерасанд ва ин вобаста ба он мебошад, ки муҳимтарин хусусияти чунин калимасозӣ такрор омадани асосҳои феъл ва ё калимаҳои тақлидист ва нақши бевоситаи исмҳо бисёр маҳдуд карда шудааст. Ба ин маъно, ки аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, бархе аз ҳиссаҳои нутқи номӣ ва феълӣ, махсусан, исм, сифат ва зарф иқтибос шудаанд, дар ҳоле ки дар калимасозии мураккаби пайваст қариб нақше надоранд(с.79).

Баръакси калимасозии мураккаби пайваст калимасозии мураккаби тобеъ бо вожаҳои иқтибосии арабӣ дар «Ёддоштҳо» бештар аст. Бо ишора ба хусусиятҳои исмҳои мураккаби тобеъ диссертант ба ноустувории калимаҳои иқтибосӣ дар сохтани чунин исмҳо таъкид менамояд, ба ин маъно, ки ин исмҳо метавонанд дар қисмати аввал ва ё қисмати дувуми калима қарор гиранд, инчунин, дар ҳар ду қисмати исми мураккаби тобеъ омадани вожаҳои арабӣ баид нест. Диссертант ба нақши калимаи хона дар сохтани исмҳои мураккаби тобеъ ишора намуда, таъкид месозад, ки «дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ҷойи муболиға нест, агар гӯем, ки қариб саҳифае нест, ки дар он калимаи мазкур дар ҳамбастагӣ ба калимаи дигар мураккаб шуда наомада бошад» (с.86-87).

«Нақши калимаҳои арабӣ дар сохтани феълҳо ва мақоми он дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» (с.92-151) унвони фасли дувуми диссертатсия буда, аз матолиби муқаддимотӣ, нақши калимаҳои арабӣ дар ташаккули феълҳои сохтаи номӣ, баррасии масоили назариявии феълҳои таркибӣ ва нақши иқтибосоти арабӣ дар ташаккули феълҳои таркибии номӣ иборат мебошад.

Дар ин қисмати диссертатсия низ диссертант нахуст такя ба адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба ҷойгоҳи калимаҳои иқтибосии

арабӣ дар сохтани феълҳои таркибӣ ишора карда, сипас ҷиҳати таъйиди андешаҳо мисолҳои зиёдро аз асари мавриди назар овардааст.

**Дар қисмати хулоса** (саҳ.152-155) дар 11 банд хулоса ва натиҷагириҳои дисссертант аз таҳқиқи дар ин замина анҷомдодаи ӯ баён гардида, оид ба истифодаи амалии онҳо дар 3 банд тавсияҳои муфид (саҳ.156) пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия диссертант 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расонида, дар робита ба мавзуъ дар чандин конференсияи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, баромад намудааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопнамуда ва суханрониҳои Сатторов Н.С. мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия бархе камбудиҳои ба назар мерасад, ки ишора намудан ба онҳо ва ислоҳи минбаъдаи онҳо ба манфиати кор мебошад.

1. Дар банди дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ ва ба ин монанд дигар қисматҳо ном ва соли таҳқиқи муҳаққиқони соҳа бо тартиби хронологӣ оварда нашудааст. Агар номи онҳо бо тартиби хронологӣ оварда мешуданд, аз манфиат холӣ набуд.

2. Ба назари мо, қисмати «Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ» номукаммал буда, дар он дастовардҳои асосии довталаб дар таҳқиқи мавзуъ ба пуррагӣ нишон дода нашудаанд. Хуб мебуд, агар ин қисмат каме муфассалтар ва бо риояи талаботи охирин бозбинӣ мегардид.

3. Хуб мешуд, агар диссертант диссертатсияро дар ду боб не, балки дар се боб тасниф мекард. Дар ин маврид ҳам таносуби бобҳо таъмин мегардид ва ҳам мавзуи «Исмҳои мураккаби пайваст» ва «Исмҳои мураккаби тобеъ» ба таври муфассалтар гиреҳкушоӣ мешуд.

4. Диссертант дар мавридҳои муайян ибрози андеша намуда, мулоҳизаҳояшро бо далелу мисолҳои ҷолиб аз осори мавриди таҳқиқ

меоварад, вале дар баъзе ҳолатҳо аз осори С. Айнӣ ҷумлаҳо оварда нашудаанд (с. 135, 137, 138) ва гоҳҳо мисолҳои овардашуда кифоя нестанд.

5. Ба назари мо, банди 2-юми қисмати «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ» ба моҳияти аслии он созгор нестанд.

6. Дар диссертатсия хатоҳои имлоию иншоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (саҳ. 18, 21, 25, 86, 127...).

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, ҳеҷ гоҳ арзиш ва аҳаммияти илмии диссертатсияро кам наменамояд.

Диссертатсияи мавриди назар ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Дар маҷмуъ,** диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад

Имзои Абдусамадзода Э.А.-ро
тасдиқ мекунам, сардори РККМ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Нишонӣ: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб,
кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел.: +(992) 918-13-99-68
E-mail: erojjon-1988@mail.ru

«04» июни соли 2024